


**Мо зидди фасод дар соҳаи маориф ҳастем**

- Коррупсия – яке аз монеаҳои асосӣ дар роҳи рушди умумумиллӣ, пешрафти иқтисод, беҳбудии иҷтимоӣ, татбиқи муваффақонаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон маҳсуб мешавад.
- Коррупсия – боварии шаҳрвандонро ба давлат, ояндаи нек коста месозад.
- Коррупсия – унсури ҷинояткории муташаккил аст.
- Коррупсия – тарзи дилхоҳи қасдона вайрон кардани ваколатҳои хизматӣ аз ҷониби шахси мансабдор мебошад.
- Коррупсия — сӯиистифода аз ҳокимияти давлатӣ барои ба даст овардани фоида бо мақсадҳои шахсӣ мебошад.
- Коррупсия – ин порагирӣ аст.

**Фарзанди Шумо ба боғча меравад…**

- фарзанди Шумо баъди синни 1,5-сола метавонад ба боғча равад;
- Шумо метавонед ба шуъбаи маорифи нохия муроҷиат кунед;
- дар вақти будани ҷои холӣ шуъбаи маориф ба Шумо роҳхат медиҳад, дар вақти набудани ҷойи холӣ Шумо метавонед интизор шавед;
- агар кӯдаки Шуморо ба боғча қабул кунанд, ҳуҷҷатҳои зарурӣ пешниҳод кардан лозим аст (аризаи шаҳрванд, маълумотномаи ҷои зист, маълумотномаи тиббӣ, шаҳодатномаи таваллуди кӯдак ва шиносномаи падару модар);
- Шумо барои боғча тибқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.03.2016, №150 ҳар моҳ маблағ пардохт намоед.

**Агар шуъбаи маориф ва мудири боғча барои қабули кӯдак аз Шумо подош талаб кунад ё талаб кунад, ки барои боғча парда, бозича харед, пас вай аз Шумо ришва талаб мекунад.**

**Агар фарзанди Шумо ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ равад….**

- агар то 31 декабр фарзанди Шумо ба синни 7-солагӣ расад, ҳуқуқ дорад дар ҳудуди маҳалли зист, ки муассисаи таълимӣ фаъолият менамояд таҳсил кунад;
- агар дар муассиса ҷой набошад, метавонед муассисаи дигарро интихоб кунед;

- агар фарзанди Шумо мехоҳад дар муассисаи таълимаш ба забони хориҷӣ (русӣ, англисӣ) таҳсил кунад, вале дар дар маҳалли зисташ чунин муассиса вуҷуд надорад, метавонад бо ариза ба шуъбаи маориф муроҷиат кунед;

-агар директор ё ҷонишини он ба Шумо ҷойро бо подош пешниҳод кунад (сарфи назар аз будани ҷойи холӣ), ӯ аз Шумо талаб мекунад, ки барои таъмир, лавозимоти синфхона ё ягон чизи дигар харед, **пас аз Шумо ришва талаб мекунад.**

**Агар Шумо ҷойи зистро иваз намудед ва мехоҳед муассисаи таълимиро низ иваз намоед….**

- агар Шумо ҷойи зистро иваз намудед, метавонед муассисаи таълимиро низ мувофиқ ба маҳалли зист иваз намоед;
- барои дар мактаби маҳалли зисти нав таҳсил намудан аризаи падару модар ва маълумотномаи ҷойи истиқомат пешниҳод карда мешавад;
- муассиса метавонад Шуморо бо сабаби набудани ҷойи холӣ қабул накунад;
- Шумо бояд ба шуъбаи маорифи ноҳия бо ариза муроҷиат намоед;
- дар сурати набудани тамоман ҷойи холӣ шуъбаи маориф вазифадор аст, ки фарзанди Шуморо дар ягон мактаб ба таҳсил фаро гирад;
- агар роҳбари муассиса ба Шумо барои расонидани кӯмаки молиявӣ ба муассиса ягон пешниҳод намояд, **ин ришва ба ҳисоб меравад.**

**Фарзанди Шумо барои супоридани имтиҳони аз синф ба синфгузарӣ омода аст….**

- меъёрҳои ҳуқуқии қабули имтиҳон мавҷуд аст;
- агар омӯзгор ба хонанда ба ивази ягон хизмат ёрии худро дар имтиҳон пешниҳод намояд, **ин эҳтимоли ришва аст**.

**Акнун, агар корманди муассисаи таълимӣ ягон подош талаб кунад. Амали Шумо?**

- ришва пешниҳод накунед ё надиҳед.
- талаби ӯро гуш кунед ва ба кормандони милитсия ба таври хаттӣ муроҷиат намоед.
- агар Шумо сабти сӯҳбатро дошта бошед, онро бо ариза ба кормандони милитсия пешниҳод намоед.




**- Ба куҷо занг задан лозим аст?**

**- Ба рақамҳои 236-64-72, 236-64-53**.